**СУРАТМАҶЛИСИ №4**

Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз санаи 26.11.2022

Иштирок доштанд:
15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет

**РӮЗНОМА:**

Муҳокимаи рисолаи номзадии Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 -Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Раиси Шӯро, декани факултет Рабиев Сатторбердӣ Мавлонович ба ҷаласа ҳусни оғоз бахшида, сипас суханро ба муқарризони диссертатсияи муҳокимашаванда дод. Муқарризони диссертатсия баромад намуда, қайд намуданд, ки пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар метавон истифода бурд. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар теъдоди 12 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд.

## ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

Диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046 пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа 15 нафар аъзоёни Шӯрои олимон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -15 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент — Рабиев С.М.

Котиби Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент — Раҳмонова Д.З.